# ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
# ҚАРОР

## Дар бораи тасдиқи Тартиби корбурди дафтарчаи меҳнатии кормандон

(қарори Ҳукумати ҶТ аз 31.08.2004 № 368 2.11.2011 № 566,
аз 31.12.2014 № 794)

Бо мақсади танзими минбаъдаи пешбурди дафтарчаҳои меҳнатии кормандон дар корхонаҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳо сарфи назар аз шакли моликият мутобиқи Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор мекунад:

1. Тартиби замимагардидаи корбурди дафтарчаи меҳнатии кормандон тасдиқ карда шавад.

2. Намунаи замимагардидаи дафтарчаи меҳнатӣ ва варақаҳои замимаи онҳо тасдиқ карда шаванд.

Дафтарчаҳои меҳнатии намунаи қаблан муқарраршуда, ки дар дасти кормандон мавҷуданд, ба дафтарчаҳои нав иваз карда намешаванд. Дафтарчаи меҳнатии намунаи кӯҳна ва нав ҳуҷҷати асосии фаъолияти меҳнатӣ буда, собиқаи кории кормандро тасдиқ менамоянд.

3. Ба роҳбарони вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ, идораҳо, Раисони вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳо, роҳбарони корхонаҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳо сарфи назар аз шакли моликият:

ҷиҳати риояи қатъии тартиби корбурди дафтарчаҳои меҳнатӣ тадбирҳо андешанд;

шӯъбаҳои кадрҳоро бо кормандони болаёқат, ки қонунгузории меҳнатро медонанд, пурзӯр кунанд;

ҷиҳати ба тартиб даровардани нигоҳдории асноди бойгонӣ, ки ба фаъолияти меҳнатии кормандон тааллуқ дошта, (фармонҳо оид ба қабул ва аз кор рафтан, карточкаҳои шахсӣ, ведомостҳои ҳисоботӣ, ҳисобҳои махсус доир ба музди меҳнат) тадбирҳо андешанд.

4. Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳбарии методӣ ва назорати саривақтии дуруст пур кардани дафтарчаҳои меҳнатӣ, баҳисобгирӣ, нигоҳдорӣ ва додани онҳоро анҷом диҳад *(қарори Ҳукумати ҶТ аз 2.11.2011 № 566, аз 31.12.2014 № 794)*.

5. Вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ ва идораҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти ҳокимияти иҷроияи маҳаллӣ, корхонаю муассисаҳо ва ташкилотҳо сарфи назар аз шакли моликият сари вақт ба Корхонаи воҳиди давлатии Комплекси табъу нашри "Шарқи озод"-и Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳоди талабномаҳои асоснокро барои дафтарчаҳои меҳнатӣ ва варақаҳои замимаи онҳо пардохт намудану гирифтани онҳоро ба корхонаҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳои тобеъ таъмин намоянд *(қарори Ҳукумати ҶТ аз 31.08.2004 № 368, аз 2.11.2011 № 566)*.

6. банди 6 хориҷ карда шуд *(қарори Ҳукумати ҶТ аз 31.08.2004 № 368)*.

7. Қарори Шӯрои Вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Шӯрои Федератсияи иттифокҳои касабаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 августи соли 1993 № 421 "Дар бораи тартиби бо дафтарчаҳои меҳнатӣ таъмин намудани коргарон ва хизматчиён" беэътибор дониста шавад.

Раиси Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон Э.Раҳмонов
аз 12 апрели соли 1999 № 154
ш.Душанбе

Бо қарори Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 12 апрели соли 1999
№154 тасдиқ шудааст

# ТАРТИБИ КОРБУРД БО ДАФТАРЧАҲОИ МЕҲНАТИИ КОРМАНДОН

## I. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Дафтарчаи меҳнатии намунаи муқарраршуда ҳуҷҷати асосии фаъолияти меҳнатӣ мебошад, ки собиқаи меҳнатии кормандонро тасдиқ менамояд.

Дафтарчаи меҳнатӣ ҳуҷҷати ҳисоботи қатъӣ маҳсуб мешавад.

Дафтарчаҳои меҳнатӣ ба тамоми кормандоне, ки зиёда аз 5 рӯз дар корхона, аз ҷумла ба коркунони мавсимӣ, муваққатӣва ба коркунони ғайриштатие, ки дар ҳисоби суғуртаи давлатии иҷтимоӣ бошанд, дода мешавад.

Ба ашхосе, ки дар ду ҷой кор мекунад, дафтарчаи меҳнатӣ фақат дар ҷои кори асосиашон дода мешаванд.

2. Кормандоне, ки ба кор дохил мешаванд, вазифадоранд ба корфармо дафтарчаи меҳнатии бо тартиби муқарраргардида бо расмият даровардашударо, пешниҳод намоянд. Бидуни дафтарчаи меҳнатӣ ба кор қабул карда намешавад. Шахсони аз сафи Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз хизмат ҷавобшуда вазифадоранд, шаҳодатномаи (билети) ҳарбиро пешниҳод намоянд.

## II. ПУР КАРДАНИ ДАФТАРЧАҲОИ МЕҲНАТӢ

**а) Нишондодҳои умумӣ**

3. Дафтарчаҳои меҳнатӣ ва варақаҳои замимаи онҳо ба забонҳои тоҷикӣ ё русӣ пур карда мешаванд.

4. Бори аввал пур кардани дафтарчаи меҳнатӣ аз тарафи маъмурияти муассиса дар ҳузури корманд на дертар аз панҷ рӯзи ба кор қабул шуданаш сурат мегирад. Ашхосе, ки дар хоҷагиҳои ёрирасони шахсӣ ва меҳнатии инфиродӣ кор мекунанд, фаъолияти меҳнатии онҳоро мақомоти пешбарандаи ҳисоботу назорат анҷом медиҳад.

Ба дафтарчаи меҳнатӣ маълумоти зайл дохил карда мешаванд:

маълумот дар бораи коркун: насаб, номи падар, рӯзи таваллуд, маълумот, касб, ихтисос;

маълумот дар бораи ба кор қабул кардан, ба кори дигари доимӣ гузаштан бо нишон додани касб (ихтисос);

дараҷаи тахассус, мансаб (мувофиқи асноди меъёрие, ки номгӯи касб ва мансаби кормандро муқаррар менамояд) ва аз кор озод шудан бо нишон

додани асосҳои қатъи шартномаи меҳнатӣ (карордод), инчунин дар бораи ҷоизаҳо ва мукофотҳое, ки ҳангоми кор барои муваффақиятҳо дода шудаанд;

маълумот дар бораи кашфиёт, ки барои ин диплом дода шудааст, оид ба ихтироъҳои истифодашуда, ихтироъкориҳои пешниҳодшуда ва мукофотҳо, ки дар робита ба онҳо дода шудааст.

Танбеҳҳо ба дафтарчаи меҳнатӣ навишта намешаванд.

5. Тамоми сабтҳо барои қабул ба кор, ба кори дигари доимӣ гузаштан ва ё аз кор озод шудан, инчунин дар бораи мукофотонидану ҳавасмандкуниҳо аз тарафи корфармо на дертар аз як ҳафта баъд аз баровардани фармон (амр) дар дафтарчаи меҳнатӣ дохил карда мешаванд, аммо ҳангоми аз кор рафтан - рӯзи аз кор рафтан, бояд ба матни фармон (амр) пурра мувофиқат намояд.

Сабтҳо бо рақамҳои арабӣ (сана ва моҳ бо ададҳои дурақама) навишта мешаванд. Масалан, агар корманд ба кор 5 июни соли 1998 қабул шуда бошад, дар сутуни 2 дафтарчаи меҳнатӣ «05.06.1998» навишта мешавад.

Сабтҳо бо диққат ва бо қалами пӯлодӣ ва ё саққочадор бо рангҳои сиёҳ, кабуд ё бунавшагӣ навишта мешавад.

6. Корфармо вазифадор аст, ки соҳиби ин дафтарчаи меҳнатиро (варақаи замима) дар варақаи шахсӣ (варақаи махсуси байниидоравии маъмулӣ №Т-2), ки бояд сабти дақиқ дар дафтарчаи меҳнатӣ (варақаи замима) дохил карда шуда, шинос намояд.

Вазорату идораҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси тавофуқ бо Иттиҳоди иттифоқҳои касабаи мустақили Тоҷикистон ба тариқи истисно метавонанд ба корхонаҳое, ки дар шароитҳои парокандагии ҳудудӣ, яъне дар масофаҳои аз ҳамдигар воқеъ буда фаъолият мекунанд, иҷозат диҳанд то соҳибони дафтарчаҳои меҳнатӣ ғоибона бо сабтҳои дар он воридшуда ба тариқи фиристодани огоҳиҳои марбута бо сабти баъди варақаҳои шахсӣ (варақаҳои махсуси байниидоравии №Т-2) шинос карда шаванд.

*7. Дар сурати ошкор шудани сабтҳои нодуруст дар дафтарчаи меҳнатӣ маълумот дар бораи кор, гузаштан ба кори доимии дигар, мукофоту ҷоизаҳо ва ғайра, ислоҳ тавассути маъмурияти ҳамон корхонае, ки ёддошти марбута дар он сабт шуда буд, анҷом меёбад.* Маъмурияти ҷои кори нав вазифадор аст ба корманд дар хусуси он кӯмак кунад.

8. Ҳангоми зарурат корфармо ба корманд дар асоси хоҳиши онҳо иқтибоси маълумоти тасдиқшударо оид ба кор аз рӯи дафтарчаи меҳнатӣ медиҳад. Маълумоти ислоҳшуда бояд пурра ба фармони (амр) нусхаи асл мутобиқ бошанд.

9. Агар корхонае, ки сабти нодуруст ва ё ноаниқ карда, барҳам дода шуда бошад, тасҳеҳот аз тарафи корхонаи вориси ҳуқуқӣ дохил карда мешавад, дар мавриди набудани он аз тарафи ташкилоти болоие, ки корхонаи барҳамёфта тобеъи он буд, тибқи ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи бойгонии корхона дохил карда мешаванд.

10. Дар мавриди гум шудани нусхаи фармон, амр ё ба кори дар ҳақиқат иҷрокардашуда мутобиқат накардани он тасҳеҳотдар асоси ҳуҷҷатҳои дигар, ки кори иҷрошудаи дар дафтарчаи меҳнатӣ сабт нагардидаро тасдиқ мекунанд, анҷом дода мешавад.

Шаҳодатҳо барои ислоҳи сабтҳои пеш воридшуда ҳамчун асос шуда наметавонанд.

11. Дар фаслҳои «Маълумот оид ба кор», «Маълумот оид ба мукофотҳо», «Маълумот оид ба ҳавасмандкуниҳо»-и дафтарчаи меҳнатӣ варақаҳои (замима) ба ислоҳи сабтҳои нодуруст ва ноаниқи пештара роҳ дода намешавад.

Ҳангоми зарурат тағйироти сабтҳои дахлдор дар дафтарчаи меҳнатӣ бо рақами тартибӣ, таърихи сабт бояд чунин навишт: «Сабти зери №фалон бе эътибор аст. Ба фалон ихтисос (мансаб) қабул карда шавад» ва дар сутуни 4 таърих ва рақами фармон (амр)-и маъмурияте, ки дар дафтарчаи меҳнатӣ сабти нодуруст карда, такрор мешавад.

Бо ҳамин тартиб сабти нодуруст дар бораи аз кор озод намудан ва ба кори доимии дигар гузаронидан дар сурати аз кор ғайриқонунӣ озод шудан ё ба кори дигар гузаронидан эътироф карда мешавад. Масалан, чунин навишта мешавад: «Сабти таҳти №фалон беэътибор аст, ба кори пештара барқарор карда шуд». Ҳангоми тағйироти тасвияти сабабҳои аз кор озод кардан чунин навишта мешавад: «Сабти таҳти №фалон нодуруст аст, озод карда шуд» ва тасвияти нав нишон дода мешавад.

Бинобар ин дар сутуни 4 ба фармони оид ба барқароркунӣ ба кори пештара ва ё тағйири тафсири сабабҳои аз кор озод кардан нишон дода мешавад.

Ҳангоми дар дафтарчаи меҳнатӣ вуҷуд доштани сабт дар бораи аз кор озод намудан, ё ки ба кори доимии дигар гузаронидан, ки беэътибор доништа шудааст, бо хоҳиши корманд нусхаи дигари дафтарчаи меҳнатӣ бидуни ҳамин сабт дода мешавад.

б) Маълумот дар бораи корманд

12. Маълумот дар бораи корманд дар саҳифаи аввали (варақаи унвон) дафтарчаи меҳнатӣ навишта мешавад. Насаб, ном ва номи падар (пурра, бидуни ихтисор) ва таърихи таваллуд дар асоси шиноснома ё шаҳодатномаи таваллуд навишта мешаванд.

Маълумот– миёна, миёнаи махсус, олӣ фақат дар асоси ҳуҷҷатҳо (аттестат, гувоҳнома ва диплом) нишон дода мешавад. Сабт дар бораи маълумоти нопурраи миёна ва ё нопурраи олӣ низ танҳо дар асоси ҳуҷҷатҳои мувофиқ (гувоҳномаи донишҷӯи, дафтарчаи имтиҳонот, маълумоти муассисаи таълимӣ ва ғайра) ворид карда мешавад.

Касб ва ё ихтисос ба дафтарчаи меҳнатӣ дар асоси ҳуҷҷат оид ба маълумот ва ё ҳуҷҷати дигари танзимшуда, сабт карда мешавад.

13. Пас аз пур кардани дафтарчаи меҳнатӣ, корманд бо имзои худ дуруст будани маълумотро тасдиқ мекунад.

Саҳифаи аввали (варақаи унвон) дафтарчаи меҳнатиро шахси масъуле, ки дафтарчаи меҳнатиро додааст, имзо менамояд ва пас аз он мӯҳри корхонае, ки дафтарчаи меҳнатӣ аввалин бор хонапурӣ карда шудааст, гузошта мешавад.

14. Тағйироти сабтҳо дар дафтарчаҳои меҳнатӣ оид ба насаб, ном, номи падар ва рӯзи таваллуд аз тарафи корфармои ҷои кори охирин дар асоси

ҳуҷҷатҳои (шиноснома, шаҳодатнома дар бораи таваллуд, шаҳодатномаи ақди никоҳ, шаҳодатномаи талоқ, шаҳодатнома оид ба тағйир додани насаб, ном, номи падар ва ғайра) бо нишондодани рақам ва санаи ин ҳуҷҷатҳо ворид карда мешаванд.

Тағйироти мазкур дар саҳифаи аввали (варақаи унвон) дафтарчаи меҳнатӣ сабт карда мешаванд. Масалан бо як хат насаби қаблӣ, ном, номи падар, таърихи таваллуд, маълумотҳои нав қайд мегарданд. Ишораҳо ба ҳуҷҷатҳои дахлдор дар тарафи дохилии ҷилд сабт гардида бо имзо ва мӯҳри роҳбари корхона ва ё намояндаи махсуси корхона тасдиқ карда мешавад.

Ҳангоми зарурат бо ҳамин тартиб тағйирот дар маълумоти таҳсил, касб, ихтисос дохил карда мешаванд.

в) Маълумот дар бораи кор

15. Дар сутуни 3 фасли «Маълумот дар бораи кор» ҳамчун сарлавҳа номи мукаммали корхона навишта мешавад.

Дар сутуни 1 рақами тартибии сабтҳои воридшуда ва дар сутуни 2 таърихи қабул ба кор ва аз кор озод шудан дар сутуни 3 «Маълумот оид ба кор», номи пурраи муассиса, ба фалон шӯъба таъин шуд, қисм, воҳидҳои соҳа, истеҳсолот бо сабаби мушахасси ном, инчунин номи корҳо, касб ва мансаб, дараҷаи тахассуси додашуда, дар сутуни 4 дар кадом асос (ҳуҷҷат, сана ва рақам) сабт ворид карда шудааст.

Агар дар ҷараёни кор ба корманд дараҷаи нав дода шавад ва ё касби дуввум ва минбаъда муайян карда шавад, он гоҳ дар ин бора бо тартиби муқарраргардида дар дафтарчаи меҳнатӣ бо нишон додани дараҷаи ин касбҳо, рақам ва таърихи шаҳодатномаи дахлдор сабт карда мешавад.

Дар дафтарчаи меҳнатӣ инчунин кор дар ҳайати дастаҳои махсус ва ё дастаҳои ҷомеъ дар як замон доштани якчанд касб сабт карда мешавад.

Кор дар ду ҷой, ки бо тартиби муқарраршуда агар ба расмият даровардa шуда бошад, дар дафтарчаи меҳнатӣ бо сатри алоҳида сабт карда мешавад. Сабтҳо оид ба кор дар ду ҷой ва хатми он аз тарафи корфармои ҷои кори асосӣ иҷро карда мешавад.

Гузаронидани корманд ба кори доимии дигар дар дохили корхона ба тартибе, ки қабул ба кор аст ба расмият даровaрда мешавад.

16. *Агар дар ҷараёни фаъолияти корманд номи корхона тағйир ёбад* он гоҳ дар сутуни 3 дафтарчаи меҳнатӣ бо сатри алоҳида чунин сабт ворид мегардад: Фалон корхона аз фалон таърих, ба фалон ном тағйир карда ва дар сутуни 4 дар кадом асос сурати гирифтани тағйироти ном, фармон (амр), таърих ва рақами он навишта мешавад.

17. Донишҷӯён, талабаҳо, аспирантҳо ва ординаторҳои клиникие, ки дорои дафтарчаи меҳнатианд, оид ба муддати таҳсили онҳо дар шӯъбаҳои рӯзонаи мактабҳои олӣ ва миёнаи махсус аз тарафи муассисаи таълимӣ (муассисаи илмӣ) сабтҳо ворид карда мешаванд. Барои чунин сабтҳо фармонҳои муассисиаҳои таълимӣ (муассисаҳои илмӣ) оид ба қабул шудан ба мактаб ва хориҷ шудани донишҷӯён, шогирдон, аспирантҳо, ординаторҳои клиникӣ асос мешаванд.

Муддати кори донишҷӯён, талабаҳо, аспирантҳо, ординаторҳои клиникии мазкур дар ҷараёни гузаштани таҷрибаи истеҳсолӣ ва дар сурати иҷрои мавзӯи илмию тадқиқотии шартномавӣ бо маълумотномаи (справка) дахлдор, ки дар он ихтисос, тахассус, мансаб ва муддати кор сабт шуда, тасдиқ карда мешавад. Дар асоси чунин маълумотномаҳои муассисаи таълимӣ (муассисаи илмӣ) ба дафтарчаи меҳнатии донишҷӯён талабагон, аспирантҳо, ординаторҳои клиникӣ собитшавии маълумоти кор мутобиқи маълумоти мавҷуда таъмин менамояд. Маълумот дар асноди шахсӣ ҳамчун санади пурмасъул ҳифз мегардад.

18. Донишҷӯён талабагон, аспирантҳо, ординаторҳои клиникӣ, ки пештар кор накардаанд ва аз ин сабаб дафтарчаи меҳнатӣ надоранд, маълумот оид ба кори таҷрибаи истеҳсолӣ, инчунин иҷрои мавзӯи илмӣ-тадқиқотии мавзӯҳои шартномагӣ дар асоси маълумотномаи он корхонае, ки дар оянда кор мекунанд, сабт карда мешавад.

19. Дар ҷои кор ба дафтарчаи меҳнатӣ бо сатри алоҳида бо нишондоди сана, рақам ва номгӯи ҳуҷҷатҳои дахлдор сабтҳои зерин ворид мегарданд:

а) оид ба муддати хизмат дар Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар мақомоти Кумитаи давлатии амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар кулли воҳидҳои ҳифозатӣ, ба хизматчиёни дар хизмат буда, қонунгузорӣ оид ба меҳнат ва суғуратаи иҷтимоии давлатӣ таалуқ надорад, бо нишондоди таърихи даъват (таъин намудан) ва таърихи рафтан аз хизмат;

б) оид ба муддати таълим дар омӯзишгоҳҳои касбӣ-техникӣ ва ғайра, дар курсҳо ва мактабҳои такмили ихтисос, тағйири ихтисос ва таълими кадрҳо;

в) оид ба муддати таълим дар муассисаҳои олӣ ва миёнаи махсус (бо сабт намудани мӯҳлати кор дар дастаҳои донишҷӯён, таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ, ҳангоми иҷрои мавзӯи илмӣ–тадқиқотии давраи аспирантӣ ва ординатории клиникӣ), ғайр аз ҳолатҳое, ки дар банди 17 Тартиби мазкур оварда шудаанд.

Сабтҳои дар банди мазкур пешбинишуда ба дафтарчаи меҳнатӣ пеш аз дохил кардани маълумот оид ба кор дар корхонаи мазкур навишта мешаванд.

20. Ҳангоми бо тартиби муқарраргардида аз нав барқароркунии собиқаи меҳнатӣ барои таъини кӯмакпулии суғуртаи давлатии иҷтимоӣ дар дафтарчаи меҳнатии корманд дар ҷои кори охирин дар сутуни 3 фасли «Маълумот оид ба кор» қайди зерин сабт мегардад: «собиқаи меҳнатӣ аз рӯзи, моҳ ва соли фалон барқарор карда шудааст», дар сутуни 4 ба қарори мақоми дахлдор ишора карда мешавад.

Ба кормандони машғули корҳои мавсимии дар соҳаҳое, ки тибқи қонунгузории ҷорӣ ҷамбасти марҳилаҳои мавсимӣ ва нигаҳдории собиқаи меҳнатӣ иҷозат дода шудааст, ҳангоми бозгашт дар муддати муқарраргардида ба кори мавсимӣ пас аз рухсатии байнимавсимӣ дар сутуни 3 фасли мазкури дафтарчаи меҳнатӣ қайди зерин сабт мегардад:
«Собиқаи меҳнатии муттаасил нигоҳ дошта мешавад».

21. Дар дафтарчаи меҳнатии ашхосе, ки дар корҳои иҷборӣ бо маҳрумияти озодӣ буда, корфармо дар бораи мӯҳлати кори ин давра ба ҳисоби собиқаи меҳнатӣ дохил нашудан сабт ворид мекунанд.

(Фасли «Маълумот оид ба кор»- и дафтарчаи меҳнатӣ, сутуни 3).

Сабтҳои мазкур ба дафтарчаҳои меҳнатӣ пас аз ба охир расидани мӯҳлати муҷозот, тибқи маълумотномаҳои муқарраркардаи мақомоти Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон навишта мешаванд.

Дар фасли «Маълумот оид ба кор»-и дафтарчаи меҳнатӣ сабтҳои зерин навишта мешаванд:

дар сутуни 1 рақами тартибии сабт навишта мешавад;

дар сутуни 2 санаи дохилкунии сабт;

дар сутуни 3 «Муддати кор аз таърихи фалон (сана, моҳ, сол) то таърихи фалон (сана, сол, моҳ) ба собиқаи меҳнатӣ ҳисоб карда намешавад»;

дар сутуни 4 асосҳои ворид кардани сабт дар дафтарчаи меҳнатӣ фармон (амри) роҳбари корхона, таърихи нашр ва рақами он навишта мешавад.

г) Маълумоти оид ба мукофот ва ҳавасмандкуниҳо

22. Ба дафтарчаи меҳнатии кормандон дар фасли «Маълумот оид ба мукофотҳо» маълумоти зерин дохил карда мешаванд:

а) оид ба мукофотонидан бо ордену медалҳо, унвони фахрӣ («Ифтихорнома»), дар хусуси сарфароз гардонидан тибқи фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;

б) оид ба мукофотҳо барои муваффақиятҳои меҳнатӣ дар корхона, муассиса, ташкилот (эълон намудани миннатдорӣ, додани ҷоиза, бо тӯҳфаҳои қиматбаҳо мукофотонидан, мукофотонидан бо унвони фахрии корхона ва ғайра);

в) дар бораи кашфиётҳое, ки ба онҳо шаҳодатномаҳо ва патентҳо барои ихтироъҳои истифодашуда ва ихтироъкориҳои пешниҳодшуда ва дар бораи мукофотҳое, ки дар робита ба онҳо дода шудааст.

Ба дафтарчаи меҳнатӣ мукофотҳои пулӣ, ки бо тартиби музди меҳнат пешбинӣ шуда ва ё пардохти он хусусияти мунтазам дорад, сабт намешаванд.

23. Тартиби сабти маълумот оид ба мукофотҳо ва ҳавасмандкуниҳо чунин аст: дар сутуни 3 мутобиқи фасли дафтарчаи меҳнатӣ ҳамчун сарлавҳа номи корхона навишта мешавад; дар сутуни 1 поёнтар аз рақами тартибӣ навишта мешавад (рақамгузорие, ки дар тамоми муддати фаъолияти меҳнатии корманд зиёд мешавад); дар сутуни 2 таърихи додани мукофот ё подош гузошта мешавад; дар сутуни 3 аз тарафи кӣ ба корманд мукофот ё подош дода шудааст ва барои кадом комёбиҳо, навъҳои мукофот ё подошҳо навишта мешаванд; дар сутуни 4 кадом асос сабт шудааст (ишора ба сана, рақам ва номи ҳуҷҷат) нишон дода мешавад.

д) Пур кардани дафтарчаи меҳнатӣ ҳангоми аз кор рафтан

24. Сабтҳо оид ба сабабҳои аз кор озод шудан, бояд дар дафтарчаи меҳнатӣ мувофиқи тавсияҳои дақиқи Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бо ишора ба моддаи мувофиқи банди қонун навишта шаванд.

Масалан, «Бо ризояти тарафайн, моддаи 40 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз кор озод карда шуд».

Ҳангоми қатъ кардани шартнома бо ташаббуси корманд бо сабабҳое, ки тибқи қонунгузорӣ пешниҳоди имтиёзоти таъиншуда ва афзалиятҳоро вобаста мекунад, сабт дар бораи аз кор хориҷ шудан дафтарчаи меҳнатӣ чунин сабабҳо навишта мешаванд. Масалан, «Бо хоҳиши худ бо сабаби дохил

шудан ба муассисаи таълимии олӣ, мувофиқи моддаи 41 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз кор озод карда шуд».

Ҳангоми баррасӣ ва тасдиқи номзад аз тарафи кордиҳанда барои фиристодан ба муассисаҳои таълимии олӣ, миёнаи махсус ва таъин намудани идрорпулии (стипендия) аз ҳисоби корхона дар дафтарчаи меҳнатӣ сабти зерин карда мешавад: «Бо сабаби ба таълим фиристодан (муассисаи таълимии олӣ ва ё миёнаи махсус нишон дода мешавад) корхона бо идрорпулии (стипендияи) таълимӣ таъин намуда, мувофиқи моддаи 41 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз кор озод карда шуд».

Ҳангоми қатъи шартномаи меҳнатӣ бо ташаббуси корманд бинобар бо сабаби кӯчидан ба маҳалли дигар бо тартиби қабули кормандон чунин сабт дар дафтарчаи меҳнатӣ навишта мешавад: *Масалан, «Аз сабаби бо хоҳиши худ бо тартиби қабули кормандон барои кор ба корхонаҳо фиристодан (корхонаи муайян нишон дода мешавад), мувофиқи моддаи 41 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз кор озод карда шуд».*

25. Сабт дар бораи аз кор озод кардан дар дафтарчаи меҳнатии корманд бо риоя кардани қоидаҳои зерин навишта мешавад: дар сутуни 1 сабти рақами тартибӣ, дар сутуни 2 рӯзи аз кор рафтан, дар сутуни 3 сабаби аз кор озод шудан, дар сутуни 4 дар кадом асос сабт ворид шудааст, нишон дода мешавад, - фармон (амр), сана ва рақами он.

Рӯзи аз кор озод шудан, рӯзи охирини кор ҳисоб меёбад.

Масалан, шартномаи меҳнатӣ бо корманд бо сабаби маҳдуд кардани штатҳо 20 июни соли 1998 қать мегардад, ки рӯзи охирини кории ӯ ҳисоб мешавад. Дар дафтарчаи меҳнатии корманд бояд сабти зерин навишта шавад: дар сутуни 1 фасли «Маълумот оид ба кор» рақами тартибӣ гузошта мешавад; дар сутуни 2 таърихи аз кор озод намудан (20.06.98); дар сутуни 3 навишта мешавад: аз кор бо сабаби маҳдуд кардани штатҳо озод карда шуд, сархати якуми қисми 1 моддаи 42 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар сутуни 4 таърих ва рақами фармон (амр) дар бораи аз кор озод намудан нишон дода мешавад.

26. Ҳангоми аз як корхона ба корхонаи дигар гузаронидани корманд бо фармони мақомоти болоӣ ва бо ризояти байни роҳбарони корхонаҳо ва ё ташкилотҳо дар сутуни 3 ва ба мувофиқат ва ё қарори ин мақомот ва ташкилотҳо ишора карда мешавад.

Масалан: «Бо сабаби гузаронидан ба кор ба фалон корхона аз кор озод карда шуд» (мувофиқи моддаи Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон дода мешавад).

Ҳангоми гузаштан ба мансаби интихоботӣ дар сутуни 3 сабти зерин мешавад: *«Бо сабаби интихоб шудан ба мансаби интихобии фалон ташкилот аз кор озод карда шуд» (мувофиқи моддаи Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон дода мешавад).*

27. Ҳангоми қатъ намудани шартномаи меҳнатӣ бо ташаббуси маъмурият ва бо сабаби гузаронидани чорабиниҳо оид ба мукамалкунии ташкили идоракунии соҳаҳо, ғайр аз сабабҳое, ки дар қонунгузории ҷорӣ пешбинӣ шуда, ба қарорҳои дахлдори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

ишора карда мешавад. Масалан, дар сутуни 3 чунин навишта мешавад: «Бо сабаби маҳдуд кардани штатҳо аз кор озод карда шуд (ва ё адад), сархати якуми қисми 1 моддаи 42 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва дар қавс қарорҳои дахлдори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон дода мешаванд.

28. Ҳангоми таъин намудани нафақаи пиронсолӣ, нафақа барои хизмати дарозмуддат, нафақа барои хизматҳои шоёнаш дар назди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дафтарчаи меҳнатӣ аз ҷониби мақомоти таъминоти иҷтимоӣ мӯҳри «Нафақа таъин шуд» гузошта мешавад. **Мӯҳр дар фасли «Маълумот оид ба таъини нафақа» гузошта мешавад.**

## III. ВАРАҚАИ ЗАМИМА ДАР ДАФТАРЧАИ МЕҲНАТӢ

29. Дар он ҳолатҳое, ки тамоми саҳифаҳои фаслҳои дафтарчаи меҳнатӣ пур карда шуда бошанд, ба дафтарчаи меҳнатӣ варақаи замимаро илова мекунанд.

Варақаи замима дар дохили дафтарчаи меҳнатӣ дӯхта мешавад ва аз тарафи маъмурияти корхонаи ҷои корманд пур карда шуда бо тартиби дафтарчаи меҳнатӣ истифода мешавад.

Варақаи замима бидуни дафтарчаи меҳнатӣ беэътибор аст.

30. Дар кунҷи болои саҳифаҳои аввали (варақаи шахсӣ) варақаи замимаи дафтарчаи меҳнатӣ мӯҳри андозаи 10 мм х 25 мм бо навиштаҷоти «Замима дода шуд» гузошта мешавад ва дар ҳамон ҷо силсилаву (серия) рақами варақаи замима сабт мешавад. Ҳангоми додани варақаи замима минбаъда мӯҳри навбатӣ гузошта шуда силсилаву (серия) рақами он сабт меёбад.

## IV. ДОДАНИ ДАФТАРЧАИ МЕҲНАТӢ ҲАНГОМИ АЗ КОР ОЗОД ШУДАН

31. Ҳангоми аз кор озод шудан корманд тамоми маълумотҳо оид ба кор, мукофотҳо ва ҳавасмандкуниҳое, ки дар муддати кор дар корхонаи мазкур ба дафтарчаи меҳнатӣ қайд шудаанд, бо имзои ва мӯҳри корфармо ё намояндаи махсуси он тасдиқ карда мешаванд.

Корфармо ӯҳдадор аст, ки рӯзи аз кор озод шудани корманд ба ӯ дафтарчаи меҳнатиро бо сабти аз кор озод шудан супорад.

Ҳангоми бо айби маъмурият дар сари вақт ба корманд надодани дафтарчаи меҳнатӣ барои ҳар рӯзи боздорӣ музди меҳнати миёна дода мешавад.

32. Агар дар рӯзи аз кор озод шудан корманд дар ҷои кор ҳозир набошад, маъмурияти корхона бояд ҳамон рӯз ба ӯ ба воситаи почта мактуби огоҳӣ барои гирифтани дафтарчаи меҳнатӣ фиристад.

Ба воситаи почта фиристодани дафтарчаи меҳнатӣ ва расонидани он фақат бо розигии корманд анҷом дода мешавад.

*33. Дар ҳолати марги корманд дафтарчаи меҳнатӣ ба дасти ақрабои наздики ӯ бо забонхат дода мешавад ё мувофиқи талаби онҳо бо почта фиристода мешавад. Дар дафтарчаи меҳнатии корманди вафот карда дар фасли «Маълумот оид ба кор» пас аз сабти рақами тартибӣ ва таърихи сабт дар сутуни 3 чунин навишта мешавад: «Бо сабаби марг кор қатъ карда шуд», пас сутуни 4 сабт мегардад (таърих ва рақами фармон), (амр). Ин сабт бо тартиби муқарраршуда тасдиқ мешавад.*

## V. НУСХАИ ДУЮМИ ДАФТАРЧАИ МЕҲНАТӢ

34. Шахсе, ки дафтарчаи меҳнатиашро (варақаи замимаи онро) гум намудааст, бояд ба корфармои ҷои кори баъдина хабар диҳад ва корфармо на дертар аз 15 рӯз пас аз додани ариза бо корманд дафтарчаи меҳнатии дигар ва варақаи замимаи онро бо навиштаҷоти «Нусхаи дуюм» дар кунҷи болоии тарафи рости саҳифаи аввал медиҳад.

35. Нусхаи дуюми дафтарчаи меҳнатӣ ва ё варақаи замимаи он тибқи қоидаҳои умумӣ пур карда мешавад. Дар фасли «Маълумот оид ба кор», «Маълумот оид ба мукофотҳо» ва «Маълумот оид ба ҳавасмандкуниҳо» ҳангоми пур кардани намунаи нусхаи дуюм сабтҳо оид ба кор, инчунин оид ба мукофотҳо ва ҳавасмандкуниҳо ҷои кори охирин дар асоси фармонҳои (амр) пештара ворид карда мешаванд.

36. Агар корманд то омадан ба кор дар корхонаи мазкури пештар кор карда бошад, он гоҳ ҳангоми пур кардани нусхаи дуюми дафтарчаи меҳнатӣ дар фасли «Маълумот оид ба кор» дар сутуни 3 пеш аз ҳама бояд сабт дар бораи собиқаи меҳнатии умумии корманд то омадан ба корхонаи мазкур дар асоси ҳуҷҷатҳои тасдиқкунанда ворид карда шавад.

Собиқаи меҳнатии умумӣ ҷамъучамъ қайд мешаванд, яъне бояд миқдори умумии сол, моҳ, рӯзҳои кор бе аниқ намудани кадом корхона дар кадом давраҳо ва дар кадом мансабҳо кор кардани соҳиби дафтарчаи меҳнатӣ нишон дода мешавад.

Пас аз он собиқаи меҳнатии умумӣ, ки дар асоси ҳуҷҷатҳои бо тартиби лозима тасдиқ шудааст, марҳилаҳои алоҳида бо тартиби зайл навишта мешавад: дар сутуни 2 таърихи ба кор сабт мегардад; дар сутуни 3 номи корхонае, ки корманд он ҷо кор кардааст, инчунин коргоҳ (шӯъба) ва мансаби (кори) корманд навишта мешавад.

Агар аз рӯи ҳуҷҷатҳои пешниҳод намуда маълум гардад, ки корманд дар он корхона ба кори дигари доимӣ гузаронида шудааст, дар ин бора сабти дахлдор ворид карда шавад.

Баъд аз он дар сутуни 2 таърихи аз кор озод шудан, дар сутуни 3 сабаби аз кор озод шудан, агар чунин маълумот дар ҳуҷҷати пешниҳод намудаи корманд мавҷуд бошад, сабт мегардад.

*Ҳангоми дар ҳамаи хуҷҷатҳо агар маълумоти дар боло зикршуда оид ба кори пештара мавҷуд набудан, дар нусхаи дуюми дафтарчаи меҳнатӣ фақат маълумоти дар ҳуҷҷат вуҷуд дошта сабт карда мешавад.*

Дар сутуни 4 ном, сана ва рақами ҳуҷҷат, ки дар асоси он сабтҳои мувофиқ дар нусхаи дуюм навишта шудааст, қайд мешавад. Ҳуҷҷатҳое, ки собиқаи меҳнатиро тасдиқ мекунад ба соҳибашон баргардонда мешаванд. Маъмурият вазифадор аст, то ба корманд барои дастрас намудани ҳуҷҷатҳое, ки собиқаи меҳнатии ӯро то омадан ба корхонаи мазкурро тасдиқ мекунанд, мусоидат намояд.

37. Ба ғайр аз маълумотҳое, ки дар банди 19 Тартиби мазкур сабт шудаанд, маълумотҳои зайл ба ҷамъбасти собиқаи меҳнатии умумӣ дохил карда намешавад, вале бо сатри алоҳида бо истинод ба таърих, рақам ва номгӯи ҳуҷҷатҳо навишта мешавад:

– оид ба муддати дар лашкар ва дастаҳои халқӣ бо нишондоди таърихи таъин намудан ва таърихи озод шудан аз хизмат;
– оид ба кор ба сифати аъзои артели кооперативи моҳидорӣ.

38. Дар сурати ба ҳолати корношоями омадани дафтарчаи меҳнатӣ (варақаи замима), (сӯхтан, даридан, доғдор шудан ва ғайра) корфармои ҷои кори охир вазифадор аст, ки ба корманд нусхаи дуюми дафтарчаи меҳнатиро (варақаи замима) диҳад.

Дар ин ҳангом дар саҳифаи аввали дафтарчаи меҳнатии ба ҳолати корношоям омада навишта мешавад: «Ба ивази нусхаи дуюм дода шавад» ва ба соҳибаш баргардонда мешавад. Вақти ба кори нав дохил шудан корманд вазифадор аст нусхаи дуюми дафтарчаи меҳнатиро пешниҳод намояд.

## VI. ПАРДОХТҲО ВА ҲИФЗИ ДАФТАРЧАҲОИ МЕҲНАТӢ

39. Дар вақти додани дафтарчаи меҳнатӣ (нусхаи дуюм) корфармо аз корманд қимати дафтарчаи меҳнатиро ва варақаи замимаро меситонад.

Дар сурати нодуруст пур кардани дафтарчаи меҳнатӣ ва ё варақаи замимаи он, инчунин дар мавриди вайрон шудани бланкҳо дар натиҷаи ҳифзи ноэҳтиёткорона, қимати бланкҳои вайроншуда аз тарафи корхона пардохта мешавад.

Дар сурати гум кардани дафтарчаи меҳнатии корманд аз тарафи корхона ба соҳиби он нусхаи дуюми дафтарчаи навро бидуни ситонидани қимати он медиҳад.

40. Дафтарчаҳои меҳнатӣ ва нусхаҳои дуюм, ки ҳангоми аз кор озод шудани кормандон онҳоро нагирифтаанд дар муддати ду сол дар шӯъбаи коргузории корхона алоҳида аз дафтарчаи меҳнатии кормандон ҳифз карда мешаванд. Пас аз он дафтарчаҳои меҳнатии (нусхаҳои дуюм) талаб нашуда

дар бойгонии (архив) корхона 50 сол нигоҳдорӣ мешавад. Пас аз гузаштани муддати зикршуда онҳо бо тартиби муқарраршуда нобуд карда мешаванд.

41. Маъмурияти корхона вазифадор аст, ки миқдори муайяни бланкҳои дафтарчаҳои меҳнатӣ ва варақаҳои замимаҳои онро дар ихтиёри худ дошта бошад.

## VII. БА ҲИСОБГИРИИ ДАФТАРЧАҲОИ МЕҲНАТӢ

42. Дар корхонаҳо оид ба баҳисобгирии дафтарчаҳои меҳнатӣ ва пур кардани дафтарчаҳои меҳнатӣ ҳуҷҷатҳои зерин пеш бурда мешаванд:

а) дафтари мадохилу махориҷ оид ба ҳисогирии бланкҳои дафтарчаҳои меҳнатӣ ва варақаҳои замимаи онҳо;

*б) дафтарчаи баҳисобгирии пешбурди дафтарчаи меҳнатӣ ва варақаҳои замимаи онҳо.*

Дар дафтари мадохилу махориҷ тамоми амалиётҳое, ки бо дастрас намудан ва истифода бурдани бланкҳои дафтарчаҳои меҳнатӣ ва варақаи замимаҳои он сабти силсила ва рақами ҳар як бланк навишта мешавад. Дафтари мазкур аз тарафи шӯъбаи муҳосиботи корхона пешбурда мешавад (намунаи дафтари мадохилу махориҷ оид ба ҳисобгирии бланкҳои дафтарчаҳои меҳнатӣ ва варақаи замимаи он замима шудааст).

Дафтари баҳисобгирии дафтарчаҳои меҳнатӣ ва варақаҳои замимаи онҳо аз тарафи воҳидҳои коргузорӣ ва ё шӯъбаи дигари корхона, ки масъули ба кор қабул кардан ва аз кор хориҷ кардани кормандон аст, пеш бурда мешавад. *Дар ин китоб ҳамаи дафтарчаҳои меҳнатии кормандони ба кор дохилшуда, инчунин тамоми дафтарчаҳои меҳнатӣ ва варақаи замима сабти силсила (серия), рақамҳои, ки ба кормандон дубора дода шудааст дарҷ мегардад*.

Дар сурати аз кор озод шудан ва гирифтани дафтарчаи меҳнатӣ корманд бояд дар варақаи шахсӣ (варақаи махсуси байниидоравии маъмули №Т-2) ва дафтари баҳисобгирӣ имзо намояд.

Дафтари мадохилу махориҷ ва баҳисобгирии дафтарчаҳои меҳнатӣ бояд шуморабандӣ ва ресмонбандӣ карда шуда бо имзои роҳбари корхона ва мӯҳри сурғучӣ, тасдиқ карда шавад.

43. Истимораҳои дафтарчаҳои меҳнатӣ ва варақаҳои замимаҳои онҳо дар шӯъбаи муҳосиботи корхона ҳамчун ҳуҷҷатҳои ҳисоботи дақиқ ҳифз карда мешаванд ва бо дархости шахси масъули дафтарчаҳои меҳнатӣ таҳти имзо дода мешаванд.

Дар интиҳои ҳар моҳ шӯъбаи муҳосибот аз шахси масъули дафтарчаҳои меҳнатӣ оид ба мавҷудияти бланкҳои дафтарчаҳои меҳнатӣ ва варақаҳои замимаҳои онҳо, инчунин маблағи аз дафтарчаҳои меҳнатӣ ва варақаҳои замимаҳои ҷамъ шуда, ки ба хазинаи корхона супорида мешавад, ҳисобот талаб менамояд. Ба бланкҳои дафтарчаҳои меҳнатӣ ва варақаҳои замимаи он, ки ҳангоми пур кардан вайрон шудаанд, акт навишта мешавад (намунаи шакли акт замима шудааст).